ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

**КАФЕДРАИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАБИӢ-РИЁЗӢ**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ ОМОДАГИИ ИБТИДОИИ ҲАРБӢ

ДУШАНБЕ – 2024

Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Точикистон аз «30» 09. с.2024, №9/8-19 тасдиқ шудааст.

**Мураттиб:** Ю. Ҳакимов - омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ-риёзии ДҶТИБКСМ

**Муқарризон**: Қ. Зиёев– сармутахассиси илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Т. Турдиев - сармутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муҳаррир:** М.Солиева – Мудири бахши мониторинги сифати таълими раёсати корҳои таълимӣ-методии ДҶТИБКСМ.

Барномаи таълимии мазкур мутобиқи Стандарти фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим таҳия шудааст. Мақсади асосии таълими босалоҳияти фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар амал истифода бурдани дониш, малака ва маҳоратҳои бадастовардаи хонанда мебошад. Ин низом манфиатҳои миллию давлатиро дар мадди аввал гузошта, тарбияи ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ҷасурӣ, далерӣ, қавииродагӣ, худидоранамоӣ, риояи қоидаҳои бехатарӣ ва тарзи ҳаёти солим, ҳимояи марзу буми онро вазифаи аввалиндараҷа мешуморад. Дар барнома салоҳиятҳо дар шакли натиҷаҳои таълим, ки дониш малака ва маҳорати мушаххасро фаро мегиранд, нишон дода шудааст.

Таҳияи чунин барномаҳои таълимӣ оиди фанҳои тахассусӣ, ки фарогири мазмун ва мундариҷаи фанни таълимӣ мебошад, барои тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи маориф хеле муфид мебошад. Дар раванди иҷрои барномаи таълимӣ омӯзгорони курсҳои такмили ихтисос бо усулҳои нави таълим ва муносибати босалоҳият ба таълим шинос мешаванд.

Барномаи мазкур барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия карда шудааст.

## Пешгуфтор

Барномаи таълимии мазкур барои омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ тартиб дода шудааст. Мақсади асосии барнома ин бо роҳу усулҳои гуногун баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон мебошад.

Барномаи мазкур тарзе таҳия шудааст, ки он асосан ба методҳои интерактивӣ такя намуда, усулҳои гуногуни таълимро пешниҳод менамояд. Донистани усулҳои гуногуни тарзи таълим ва муқоисаи онҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки дар таълими ин ё он мавзуъ метавонад усулҳои гуногунро интихоб намуда, дониши хонандагонро мукаммал гардонад. Хусусияти хоси методикаи таълими фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ аз фавран ворид намудани ғояҳои нави психологӣ ва дидактикаи таълим мебошад. Дар барнома оид ба ташаккули касбӣ ва маҳорати педагогии омӯзгор, таъмини дидактикии ҷараёни таълим ва методикаи хусусии таълими фан маълумотҳо оварда шудаанд. Барнома тибқи Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», инчунин дар асоси талаботи оинномаҳои умумиҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Дар барнома алоқамандии байни фанҳо ба назар гирифта шуда, нақшаи тақсими мавзуъҳо ҷой дода шудааст, ки раванди таълимро муайян намуда, фаъолияти таълимии онро мувофиқи низоми нав ба роҳ мемонад.

Барнома дар асоси низоми босалоҳият ба таълим таҳия гардида, усулҳои таълимии гуногунро дар бар мегирад.

**1.Мақсади таълим** – ташаккул додани дониш, маҳорат, малака ва салоҳияти муайянро дар бар мегирад;

**2.Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути аз худ кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита дониш, маҳорат, малака ва салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд;

**3.Фаъолияти таълим** - аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзуъ ва мундариҷа азхуд карда шуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

**4.Вақт** - вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

## Талаботи барнома

Шунавандагони курс дар ҷараёни таълим  оид ба сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, санадҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, дастовардҳои нави илми педагогика ва психология, методикаи таълими фан, менеҷменти сиёсӣ, донишҳои худро такмил дода, истифодаи техника ва технологияи инноватсиониро низ аз худ мекунанд.

Барнома дар асоси муносибати босалоҳият дар таълим ва истифодаи методҳои интерактивӣ  таҳия гардида, усулҳои таълимии гуногунро дар бар мегирад.

**НАҚШАИ**
**таълимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ**

| № | Қисмҳои барнома | Микдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1 | Тахассус, методикаи таълими фан | 36 | 14 | 22 |
| 2 | Педагогикаи касбӣ | 3 | 1 | 2 |
| 3 | Психологияи касбӣ | 3 | 1 | 2 |
| 4 | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| 5 | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| | **Ҳамагӣ** | **48** | **19** | **29** |

**Нақшаи**

**тақвимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| **1.** | **Методикаи таълими фан** | **36** | **14** | **22** |
| **1.1** | Мундарича, мақсад ва муқаррароти Стандарти фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ | 4 | 1 | 3 |
| **1.2** | Мазмун ва мундариҷаи барномаи таълимии фан.Ба нақшагирӣ ва алоқаи мавзуъҳои барномаи таълимӣ дар синфҳои 10-11. | 2 | 1 | 1 |
| **1.3.** | Таъсисёбии Артиши Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавқеи он дар сохтори давлатдорӣ | 4 | 1 | 3 |
| **1.4.** | Савганди ҳарбӣ ва одоби муносибати низомӣ | 2 | 1 | 1 |
| **1.5.** | Методикаи омӯзиши Оинномаҳои умумиҳарбии ҚМҶТ | 4 | 1 | 3 |
| **1.6.** | Терроризм, экстремизм ва таъсири он ба амнияти миллии кишвар. | 2 | 2 | - |
| **1.7.** | Сифатҳои ҷангӣ ва қисмҳои таркибии АКМ. Ба қисмҳо ҷудокунӣ ва ҷамъкунии АКМ | 3 | 1 | 2 |
| **1.8.** | Омӯзиши машқи сафоройӣ, иҷрои амрҳо ва амалҳо дар саф | 2 | 1 | 1 |
| **1.9** | Гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим.Технология ва методҳои умумии таълим дар низоми нав. | 2 | 2 | - |
| **1.10.** | Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх (КБСС). Таърихи таъсисёбӣ ва самтҳои асосии фаъолияти он. | 3 | 1 | 2 |
| **1.12.** | Мақом ва вазифаҳои мудофиаи граждании | 4 | 1 | 3 |
| **1.13** | Тавсифи ҷойҳои осебдида аз таркиши ядроӣ, сирояти химиявӣ ва бактериологӣ.Воситаҳои ҳимояи фардӣ. | 4 | 1 | 3 |
| | **Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ** | **12** | **4** | **8** |
| **2.1.** | Кори амалӣ дар муассисаҳои такягоҳӣ (базавӣ) | 6 | 2 | 4 |
| **2.2.** | Истифодаи усулҳои фаъоли(интерактивии) таълим ва маводи дидактивӣ дар ҷараёни дарсҳои омодагии ибтидоии ҳарбӣ. | 4 | 1 | 3 |
| **2.3.** | Арзёбӣ. Мавқеи арзёби дар раванди таълим, меъёрҳо ва алоқаи он ба раванди таълим | 2 | 1 | 1 |

***Эзоҳ:*** *Шунавандагон метавонанд аз нақшаи мазкур дар доираи соатҳои муайянгардида мавзуъҳои дилхоҳи худро интихоб намоянд.*

## Мавзуи 1. Мундарича, мақсад ва муқаррароти Стандарти фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ

Тартиби таҳия, тасдиқ ва амалӣ намудани Стандарти давлатии таҳсилот.Омӯзиши барнома ва нақшаҳои таълимӣ.Мувофиқати онҳо бо стандарти давлатии таҳсилот.

Стандарти давлатии таҳсилот- санади муҳими давлатӣ. Нишондодҳои стандарти давлатии таҳсилот.Ҳадди аққали ҳатмии мазмуни барномаҳои марбутаи таълимӣ ва шарту шароити иҷрои онҳо.

Ҳадди ақал ва ниҳоии ҳаҷми соатҳои таълимии хонандагон. Талаботи асосӣ ба дараҷаи тайёрии хонандагон. Мӯҳлати омӯзиши барномаҳои таълимӣ. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи меъёри марбутаи таҳсилот. Иҷрои стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ.

Моҳият ва мафҳумҳои асосии Стандарти давлатии фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ. Стандарт, барномаи таълимӣ ва маводҳои таълимӣ. Стандарти фаннӣ ва фаслҳои он. Роҳҳои татбиқшавии Стандарти фаннӣ. Риояи талаботи Стандарти давлатии таҳсилот дар таълими фан. Тафовути барномаи таълимӣ аз нақшаи таълимӣ. Муҳимияти барномаҳои таълимӣ дар бобати таҳияи китобҳои дарсӣ. Мазмуни таҳсилот, нақшаи таълим, барномаи таълим. Китобҳои дарсӣ ҳамчун қисми таркибии Стандарт. Талаботҳои асосии стандарти фаннӣ. Дар асоси консепсияи таълимӣ таҳия гардидани стандарт. Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад: доир ба мазмун, моҳият ва мафҳумҳои асосии Стандарти таълимии фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ маълумот дорад ва онро шарҳ дода метавонад. Талаботҳои асосии стандартро медонад. Тарзи истифодабарии китобҳои дарсӣ ва маводи дидактикиро дар таълими фан мефаҳмад ва онро истифода бурда метавонад. Дар бораи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии ба Стандарти давлатии таҳсилот вобаста буда огоҳ мебошад.

## Мавзуи 2. Мазмун ва мундариҷаи барномаи таълимии фан.Ба нақшагирӣ ва алоқаи мазуъҳои барномаи таълимӣ дар синфҳои 10-11.

Барномаи таълимӣ-ҳамчун дурнамои рушди маориф. Таҳлили ҷабҳаҳои илмӣ методии барномаҳои таълимӣ. Мазмун ва мундариҷаи барнома ва нақшаҳои нави таълимӣ аз фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ. Дар барномаҳои таълимӣ ҷой доштани моҳияти ташаккули ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ, ҳисси ватанпарастӣ ва худшиносӣ. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ. Дар ҷараёни омӯзиш ба назар гирифтани робитаҳои дохилифаннӣ ва байнифаннӣ. Тақсимоти соатҳо. Истифодаи амалӣ ва босамари онҳо тибқи талаботҳои нақшаҳои таълимӣ. Мувофиқати нақшаю барномаҳои таълимӣ ба китобҳои дарсӣ. Тибқи талаботи барнома ва нақшаҳои таълимӣ ба роҳ мондани таълими фан.Мувофиқати онҳо ба

талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф. Таҳлили услубии барнома ва нақшаҳои нави таълимии фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ.

Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Мӯхтавои мазмун ва мундариҷаи барномаи таълимии фанро дарк кунанд ва онро шарҳ дода тавонанд.

Доир ба барномаи таълимии фан ва дигар ҳуччатҳои расмии ба барномаи таълимӣ алоқаманд буда маълумот дошта бошанд. Қисматҳои асосии барнома ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии онро дар амал истифода бурда тавонанд.

Сохтори курс; қисматҳои таркибии фанни таълимӣ. Пайдарҳамии омӯзиши он ва алоқамандии байни қисмҳо. Мафҳумҳои алоҳида, умумӣ ва қонуниятҳо. Алоқамандии байниҳамдигарии мавзуъҳои китобҳои дарсӣ дар синфҳои алоҳида. Алоқаи дохили фанниии мавзуъҳо дар барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсӣ. Алоқаи дохилифанниии мавзуъҳо бо фанҳои дигар. Таҳия намудани дарси як соата бо дар назардошти муносибати босалоҳият дар таълим.Муайян намудани мақсадҳои дарс, рушд додани салоҳиятҳои асосӣ. Ва истифодаи усули се зинагии таълим.Фарқи таҳияи дарси як соата дар таълими анъанавӣ аз таҳияи дарси як соата дар муносибати босалоҳият дар таълим дар чи зоҳир мегардад.

Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Мӯхтавои мазмун ва мундариҷаи барномаи таълимии фанро дарк кунанд ва онро шарҳ дода тавонанд.

Доир ба барномаи таълимии фан ва дигар ҳуччатҳои расмии ба барномаи таълимӣ алоқаманд буда маълумот дошта бошанд. Қисматҳои асосии барнома ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии онро дар амал истифода бурда тавонанд. Доир ба моҳият, мазмун ва зарурати омӯзиши фан маълумот дорад ва онро шарҳ дода метавонад. Нақшаи дарси як соатаро таҳия карда метавонад, дар нақшаи дарси як соата модели сезинагии таълимро ҷой медиҳад, дар таҳияи дарси як соата зинаҳои водорнамоӣ, даркнамоӣ ва мулоҳизарониро дуруст истифода бурда метавонад.

## Мавзуи 3. Таъсисёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавқеи он дар сохтори давлатдорӣ.

Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон зодаи даврони истиқлолият. Заминаҳои асосии таъсисёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавқеи он дар сохтори давлатдорӣ. Фронти халқӣ ҳамчун заминагузор дар таъсиси Артиши миллӣ. Саҳми Президенти кишвар дар таъсис ва равнақи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Донистан ва эҳтиром намудани ҚМҶТ. Аввалин фармонҳои Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон». Сохторҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Намудҳои қӯшунҳои ҚМҶТ ва омӯзиши онҳо. Маълумот дар бораи қӯшунҳои хушкигард, қӯшунҳои мотории зудамал, қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ, қӯшунҳои десантӣ, қӯшунҳои зудамал, қӯшунҳои ракетавии дорои аҳамияти стратегӣ, қӯшунҳои сарҳадӣ. Муҳимияту арзи аз рӯи ихтисосҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қоидаҳои хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ. Принсипҳои асосии сохтори Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Саҳми Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзу мудофиаи Ватан. Сохторҳои ҳарбӣ ва шарҳи онҳо. Хизмат дар сафи ҚМҶТ ифтихори ватандорист. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ.

Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Доир ба таърихи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дошта, аз муҳимияту арзишҳои ҚМҶТ огоҳ бошанд. Қоидаҳои хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳро аз бар намоянд. Сарфармондеҳи олӣ ва вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро донанд ва онҳоро номбар карда тавонанд. Намудҳо ва таъиноти қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро донанд.

**Мавзуи 4. Савганди ҳарбӣ ва одоби муносибати низомӣ**

Мазмун ва моҳияти Савганди ҳарбӣ ва одоби муоширати низомӣ ҳангоми хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муқаддас донистани Савганди ҳарбӣ ва эҳтироми он. Матни Савганди ҳарбиро тасдиқ намудани Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Тибқи фармони сардори қисми ҳарбӣ муайян намудани вақти қабули Савганди ҳарбӣ. Мутобиқи Низомномаи тартиби адои хизмати ҳарбӣ аз ёд намудани матни Савганди ҳарбӣ. Тарзи қабули Савганди ҳарбӣ ҳангоми шомил шудан ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зери Байрақи Ҷангӣ қабул намудани Савгандӣ ҳарбӣ. Талаботи Савганди ҳарбӣ. Содиқ будан ба Ватан. Қонуни асосӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, оинномаҳои ҳарбӣ, амрҳои фармондеҳону сардоронро бечуну чаро иҷро кардан. Баҳри ҳифзи Ватан, марзу буми он, ҳимояи сохти конститутсионӣ ҳамеша омода будан. Баъди қабули Савганди ҳарбӣ садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мувофиқи талаботи оинномаҳои ҚМҶТ иҷро карда тавонистани рафтори низомӣ.

Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Доир ба мазмун ва моҳияти Савгандӣ ҳарбӣ маълумот дошта ва онро шарҳ дода тавонанд. Матни Савганди ҳарбиро аз ёд донанд. Тарзи қабули савганди ҳарбиро аз бар намоянд. Одоби муоширати низомиро иҷро намоянд.

**Мавзуи 5. Методикаи омӯзиши Оинномаҳои умумиҳарбии ҚМҶТ**

Талабот ва муқаррароти оинномаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Оинномаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моҳияту ҷанбаҳои ҳуқуқии онҳо. Санаи қабули оинномаҳои ҚМҶТ. Моҳияти интизоми ҳарбиро муайян намудани оинномаҳо. Муҳимият ва риояи талаботи оинномаҳо. Риояи талаботи оинномаҳои ҳарбӣ ва ҷорӣ намудани интизоми қатъии ҳарбӣ. Ба оинномаҳои ҳарбӣ итоат намудани хизматчии ҳарбӣ. Ҷанбаҳои ҳуқуқии оинномаҳо. Ташаккули малакаҳои интизомӣ. Ҳавасмандгардонӣ ва муҷозоти интизомӣ дар асоси оинномa. Амали оиннома нисбати хизматчиёни ҳарбӣ. Амали оинномаҳои интизомӣ, сафоройӣ, хизмати дохилӣ ва хизмати гарнизонӣ ва қаровулӣ нисбати ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои умумии хизматчиёни ҳарбии ҚМҶТ. Оинномаҳои умумиҳарбӣ–танзимгари ҳаёти сарбозон. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидани оинномаҳои ҚМҶТ. Ӯҳдадориҳои умумиҳарбии сарбозон ва ҳайати хизматчиёни ҳарбӣ тибқи талаботи оинномаҳо.

Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Доир ба талабот ва муқаррароти оинномаҳои ҚМҶТ маълумот дошта ва онро шарҳ дода тавонанд. Аз муҳимияту риояи талабот ва муқаррароти оинномаҳои ҚМҶТ огоҳ бошанд. Қоидаҳои риояи оинномаҳоро донанд.

**Мавзуи 6. Терроризм, экстремизм ва таъсири он ба амнияти миллии кишвар.**

Маълумот дар бораи терроризм ва экстремизм. Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми зуҳури терроризм ва экстримизм. Ташаккули малакаҳои риояи қоидаҳои бехатарии ҳаёт дар замони муосир, нагаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгароӣ. Ҷавобгарӣ барои фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ. Шарҳи мухтасари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм». Зарурияти қабули қонуни мазкур. Шарҳи мухтасари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм». Зарурияти қабули қонуни мазкур. Терроризм чист? Экстремизм чист? Истифодаи намоиши видиоии лаҳзаи террористӣ. Маълумот дар бораи худидоранамоӣ. Дар рӯҳияи худидоранамоӣ тарбия намудан.Ташаккули малакаҳои худидоранамоӣ. Қоидаҳои худидоранамоӣ ҳангоми ҳолатҳои ногувор. Амалҳои зарурӣ ҳангоми таъмини бехатарии ҷамъиятию давлатӣ аз ҳодисаҳои хафнок.

Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Доир ба терроризм ва экстримизм маълумот дошта ва онро шарҳ дода метавонад. Оиди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

терроризм ва экстремизм» маълумот дошта бошанд. Қоидаҳои бехатариро медонад ва онро риоя мекунанд. Ба гурӯҳҳои ифротӣ намегаравад ва худро дуруст идора карда метавонанд. Мавқеи худро дар ҷамъият муайян карда тавонанд.Ватанро дӯст дорад ва барои ҳимояш омода бошанд. Санадҳои меъёриву ҳуқуқиро оид ба бехатарӣ пурра таҳлил намуда, худро идора кунанд ва бар зидди терроризм, экстремизм ва ифротгароӣ истодагарӣ намоянд.

**Мавзуи 7. Сифатҳои ҷангӣ ва қисмҳои таркибии АКМ. Ба қисмҳо ҷудокунӣ ва ҷамъкунии АКМ.**

Аслиҳаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хусусиятҳои ҷангӣ ва механизмҳои автомати Калашников . Қисмҳои асосӣ ва сифатҳои ҷангии АКМ. Ба қисмҳо ҷудо намудани автомати Калашников. Қисматнамоии пурра ва нопурраи АКМ. Донишҳои назариявӣ дар бораи автомати Калашников. Хусусиятҳои фарққунандаи сохти автомати Калашников. Маълумот дар бораи кори механизмҳо ва қисмҳои автомат ҳангоми тирпарронӣ. Ташаккули малакаҳои истифодабарӣ, риояи қоидаҳои бехатарӣ ва муомилаи дуруст бо силоҳ. Тарзи муомила бо он. Истифодабарӣ. Автомати Калашников яке аз намудҳои асосии силоҳи тирандозии худкор.

Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Доир ба силоҳҳои тирандозии ҚМҶТ ва хусусиятҳои онҳо маълумот пайдо намояд.Дар бораи автомати Калашников маълумот дошта ва онро шарҳ дода тавонанд. Сифатҳои ҷангии АКМ-ро донад.Автомати Калашниковро ба қисмҳо ҷудо карда тавонанд. Ҷобаҷогузории қисмҳои автомати Калашниковро донанд. Дар вақти муайяншуда аз ӯҳдаи ба қисмҳо ҷудо ва ҷамъкунии автомати Калашников баромада тавонанд.

**Мавзуи 8. Омӯзиши машқи сафоройӣ, иҷрои амрҳо ва амалҳо дар саф.**

Оинномаи сафороии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ ва тавзеҳот. Мувофиқи талаботи оинномa омӯхтани ҳолатҳои саф. Маълумот дар бораи саф ва унсурҳои асосии он. Унсурҳои сафоройӣ,тартиби иҷрои амрҳо дар саф, дар ҷои ист ва ҳангоми ҳаракат, қисми тайёрӣ ва иҷрои амр, фаҳмонидани тарзи дурусти навишти амр( Рост-Гард,Чап-Гард, Ақиб-Гард). Амрҳои фаврӣ (Диққат, Низом, Озод), тарзи дурусти талаффузи амрҳо ( бо овози афсарӣ) ва иҷрои онҳо.Иҷрои амалҳои роҳгардии низомӣ бе силоҳ, тартиби додани саломи низомӣ дар ҷои ист, дар сафва ҳангоми роҳгардии низомӣ, тартиби гузаштан аз як радиф ба ду ва баръакс. Тарзи оростани радиф ва қатор. Қоидаҳои сафоройӣ. Қоидаҳои баромадан аз саф ва баргаштан ба саф. Тарзи аз саф баромада ба назди сардор омадан. Баргашт ба саф ва дар ҷои худ чӣ тарз

истодан. Қоидаҳои саломи ҳарбӣ. Таълими машқи саф тибқи талаботи Оинномаи сафоронии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Истифодаи майдончаи машқи саф дар ҷараёни машғулиятҳо. Қисматҳои машқи саф ва шарҳи онҳо.

Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад: Оид ба саф ва унсурҳои он маълумот дошта ва онро шарҳ дода тавонанд. Чӣ гуна оростани радиф ва қаторро донанд. Доир ба қоидаҳои сафорой маълумот дошта бошанд. Оид ба ҳолати Саф ист маълумот дошта ва онро дар амал иҷро карда тавонанд.

**Мавзуи 9. Гузариш ба муносибати бо салоҳият ба таълим. Технология ва методҳои умумии таълим дар низоми нав.**

Заруриятҳои тағйири низоми таълим. Чорабинӣ оид ба гузаштан ба муносибати босалоҳият ба таълим.Назария ва бартариҳои муносибати босалоҳият ба таълим. Амри воқеи будани тағйири низоми таҳсилот дар шароити имрӯза. Тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои самаранок гардонидани раванди таълим.Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.Гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим. Талаботи рӯз ва амри воқеи. Мураттаб намудани силсилаи модулҳо барои омӯзиш ва истифодаи низоми нави таълимӣ.Таълими анъанавӣ ва зарурияти тағйири он.Мазмун ва моҳияти муносибати босалоҳият ба таълим. Муқоиса намудани таълими анъанавӣ ва салоҳиятнокӣ. Назария ва бартариҳои муносибати босалоҳият ба таълим.

Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд; Зарурияти гузариш ба низоми нави таълимро медонад ва онро шарҳ дода тавонанд. Бартарӣ ва норасоиҳо дар низоми таълими анъанавӣ ва муносибати босалоҳият ба таълимро донанд. Мафҳуми салоҳият ва салоҳиятнокиро фаҳманд.

**Мавзуи 10.Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх (КБСС ). Таърихи таъсисёбӣ ва самтҳои асосии фаъолияти он.**

Заминаҳои пайдоиш ва таъсисёбии КБСС. Конвенсияҳои женевагӣ ва протаколҳои иловагӣ ба онҳо. Мазмун ва моҳияти онҳо. Фаъолияти КБСС ва ҳаракати Байналмилалии Ҳилоли Аҳмари Ҷумҳурии Тоҷикистон

Низоъҳои мусаллаҳонаи байналмилалӣ ва дорои моҳияти ғайри байналмилалидошта. Муҳорибаи Салферинова таъсири он ба тақдири ояндаи инсоният. Китоби Анри Дюнан «Ёдоштҳо дар бораи муҳорибаи Солферено» (1862) мазмун ва моҳияти он.Ташкили Кумитаи байналмилалӣ оид ба расонидани кӯмакҳо ба маҷрӯҳон (17. 02. соли 1863 ки баъдтар номи КБСС-ро гирифт). Аҳамияти бузургро ноил будани санадоид ба

ташкилёбии ин созмони байналмилалӣ, аз тарафи як қатор кишваҳо ба имзо расида буд. Аввалин Конфронси Кумита аз 26-октябри соли 1863 бо иштироки 14 ки швари ҷаҳон ва қабули резолютсия.

Конференсияии женевагии аз 22 августи соли 1864 ва ташкилёбии соҳаи нави ҳуқуқи байналмилалӣ-ҳуқуқи башардӯстонаи байналмилалӣ (ҲББ). Конвенсияи женевагии (соли 1949); Мазмун ва моҳияти ин ҳуҷҷатҳо.

Принсипҳои бунёдии Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар. Башардӯстӣ, бнғаразӣ, бетарафӣ, соҳибихтиёрӣ, ихтиёрӣ, ягонагӣ ва универсалӣ. Вазифаҳои асосии КБСС.Кушода шудани намояндагии КБСС дар Осиёи Марказӣ (соли 1992) ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1993). Аҳамияти таърихии конвенсияи Женева. Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои комилҳуқуқи Муоҳидаи Женева ва протоколҳои иловагии соли 1977 ба онҳо. (моҳи январи соли 1993) Ташаккули малакаҳои ҳуқуқии хонандагон.

Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Доир ба моҳияти ҳуқуқҳо дар низоъҳои мусаллаҳона, таърихи бунёд ва фаъолияти КБСС ва ҲА маълумот дошта ва онро шарҳ дода тавонанд. Аломатҳои муҳофизаткунандаи КБСС ва ҲА- ро медонад. Кодекси рафтори ҷанговарро аз бар намоянд. Арзишҳои миллӣ ва умумибашариро медонад ва қоидаҳояшро пурра риоя намоянд. Ҳуқуқи худ ва ҳуқуқ дар низоъҳои мусаллаҳонаро медонад, меъёрҳояшро ҳангоми хизмати Ватан риоя карда тавонанд.

**Мавзуи 11. Мақом ва вазифаҳои мудофиаи граждани.**

Маълумот дар бораи мақом ва вазифаҳои мудофиаи граждани. Вазифаҳои мудофиаи граждани дар замони осоишта. Сохт ва таркиби мудофиаи граждани дар иншоотҳои хоҷагии халқ. Ситод ва хадамоти мудофиаи граждани. Ташкилотҳои ғайри ҳарбии мудофиаи граждани ва вазифаҳои онҳо. Ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи мудофиаи граждани. Ҳолатҳои фавқуллодаи дорои хусусияти таббиӣ ва техногенӣ. Қоидаҳои рафтор ҳангоми ҳолатҳои фавқуллода. Пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқуллода. Маълумот дар бораи рафъи ҳолатҳои фавқуллода.

Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Дар бораи мақом ва вазифаҳои мудофиаи граждани маълумот дошта ва онро шарҳ дода тавонанд. Доир ба вазифаҳои МГ дар замони осоишта маълумот дошта бошанд. Оид ба ҲФ-и табиию техногенӣ маълумот дошта ва онро шарҳ дода тавонанд. Қоидаҳои рафторро ҳангоми ҲФ аз бар намоянд. Ситодҳо ва хадамотҳои мудофиаи гражданиро аз бар менамояд ва онро маънидод карда тавонанд.

**Мавзуи 12.Тавсифи ҷойҳои осебдида аз таркиши ядроӣ, сирояти химиявӣ ва бактериологӣ. Воситаҳои ҳимояи фардӣ.**

Маълумот дар бораи силоҳи ядроӣ. Тавсифи силоҳи ядроӣ ва намудҳои таркиши он. Ҳавоӣ, рӯизаминӣ, зеризаминӣ ва зериобӣ. Омилҳои зараррасони силоҳи ядроӣ. Нуқтаи таркиши силоҳи ядроӣ. Силоҳи химиявӣ. Роҳхои истифодабарии яроқи химиявӣ: ракетаҳо, бомбаҳои авиатсионӣ, снарядҳои артилерӣ, минаҳо, фугасҳои химиявӣ. Гурӯҳҳои заҳролудкунии моддаҳои химиявӣ. Фалаҷкунандаи асаб, озурдакунандаи пӯст, хафакунанда ва психохимикӣ. Тавсифи моддаҳои заҳролудсоз, воситаҳо ва роҳҳои муҳофизат аз он. Нуқтаҳои заҳролудшудаи сирояти химиявӣ. Роҳхои муҳофизат аз он. Маълумот дар бораи силоҳи бактериологӣ. Тавсифи он. Воситаҳои ҳимояи фардӣ. Роҳҳои паҳншавии он. Бемориҳои инфексионӣ: чума, сӯхтанӣ- сибирская язва, брутселёз, холера, зардпарвин домана. Истифодаи ниқобҳои зиддигазии умумиқӯшунӣ. Ҳолатҳои ҷорӣ намудани карантин. Воситаҳои ҳимояи дастаҷамъӣ. Истифодаи гурезгоҳҳо.

Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад: Оид ба силоҳҳои ҳастаӣ маълумот дорад ва онро шарҳ дода метавонад. Намудҳои таркиши ядроиро медонад. Таркиши рӯизаминӣ чӣ тавр ба вуқӯъ меояд медонанд. Омилҳои зарарасони силоҳҳои ҳаставиро медонад ва онҳоро шарҳ дода метавонад. Роҳхои муҳофизатиро аз моддаҳои заҳролудкунанда медонад.

Воситаҳои ҳимояи фардӣ ва тарзи дурусти истифодаи онҳо. Маълумоти умумӣ дар бораи воситаҳои ҳимояи фардӣ.Ташаккули малакаҳои худмуҳофизатнамоӣ. Роли воситаҳои ҳимояи фардӣ дар пешгирӣ ва ҳимояи узвҳои дохилӣ ва берунии инсон. Воситаҳои ҳимояи роҳи нафас. Ниқобҳои зиддигазӣ, респираторҳо ва воситаҳои оддитарин. Воситаҳои ҳимояи пӯст. Либосҳои муҳофизатӣ (Плаши кимиёвӣ, воситаҳои тиббии муҳофизати пӯст). Тарзи дуруст истифода бурдани ниқобҳои зиддигазӣ. Истифодаи дигар воситаҳои ҳимояи фардӣ. Машқи қоидаҳои безараргардонии санитарии одамон. Гузаронидани корҳои наҷотдиҳӣ, барқароркунӣ, назорати радиасионӣ ва кимиёвӣ,ташкил ва гузаронидани рӯзи мудофиаи граждани дар муассисаҳои таълимӣ.

Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Оид ба воситаҳои ҳимояи фардӣ маълумот дошта ва онро шарҳ дода тавонанд. Тарзи истифодабарии ниқоби зиддигазиро аз бар намоянд, кай ва чӣ гуна истифода бурдани онро донанд. Доир ба истифодаи дигар воситаҳои ҳимояи фардӣ маълумот дошта бошанд.

**Мавзуи 13. Кори амалӣ дар муассисаҳои такягоҳӣ (базавӣ)**

Дар амал истифода намудани муносибати босалоҳият ба таълим, табодули таҷрибаи якдигар, таҳлил намудани дарси омӯхташуда, омӯхтани методикаи нави таълими дар дарси амалӣ, дарс чӣ гуна, мушоҳида, муқоиса, таҳлил ва анализ карда мешавад. Истифодаи арзёбӣ аз тарафи омӯзгор. Арзёбӣ, сабткунӣ ва натиҷагирӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим.

**Мавзуи 14. Истифодаи усулҳои фаъоли (интерактивӣ) таълим ва маводи дидактивӣ дар ҷараёни дарсҳои омодагии ибтидоии ҳарбӣ.**

Мафҳум ва моҳияти усулҳои фаъоли таълим. Роҳу усулҳои истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар ҷараёни дарсҳои омодагии ибтидоии ҳарбӣ.Ба вуҷуд овардани ҳамкории омӯзгор ва хонанда дар синф. Асосҳои назариявии таълим ва омӯзиши интерактивӣ. Назарияҳои пешқадами педагогҳои машҳур. Маъно ва мафҳуми калимаи интерактив. Истифодаи усулҳои интерактивӣ тақозои замон ва ҷомеа. Истифодаи ҳамаи усулҳо бо назардошти мавзуъ имкониятҳо ва истеъдоду малакаи омӯзгор. Фарқияти усули интерактивӣ, аз усулҳои дигари таълим. Бартарии усули интерактивӣ дар ҷараёни таълим. Омӯзиши системавӣ. Вазифаҳои система. Пайдо кардани хусусият ва муқаррароти система. Моҳияти омӯзиши прблемавӣ. Омӯзиши проблемавӣ, ташаккул ва рушди қобилиятҳо барои фаъолияти эҷодӣ. Методи тадқиқотӣ.Омӯзиши якҷоя.Асосҳои назариявии омӯзиши якҷоя. Натиҷаҳои кори якҷоя. Самаранокии омӯзиши якҷоя. Бартариҳои асосии омӯзиши якҷоя. Озодандешии хонандагон. Истифодаи дурусти кори гурӯҳӣ ва дигар намудҳои гурӯҳбандӣ дар ҷараёни таълим. Ба роҳ мондани кори гурӯҳӣ дар омӯзиши якҷоя. Усулҳое, ки ба гурӯҳ барои қабули мақсади ягона ва кӯшиши якҷоя ноил шудан ба он ёрӣ мерасонанд. Воситаҳое,ки барои фароҳам овардани муҳити дӯстона дар гурӯҳ мусоидат мекунанд.

Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Усули интерактивиро бо мақсади бо мақсади машаххас истифода бурда метавонанд. Дар раванди дарс хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд, миёна ва бузург ҷудо намуда ва онҳоро дар иҷрои амалҳои ба дӯш дошта назорат карда тавонанд. Дар бораи мафҳум ва моҳияти усулҳои фаъоли таълим маълумот дошта ва онро шарҳ дода тавонанд. Мафҳуми калимаи интерактивро маънидод карда тавонанд. Ифодаҳои система ва зерсистемаро донанд. Бо дар назардошти муносибати босалоҳият ва истифодаи усули интерактивӣ хонандагонро мутаваҷеҳи мавзуъ гардонида тавонанд.

## Мавзуи 15.Арзёбӣ. Мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим. Меъёрҳо ва алоқаи он ба раванди таълим.

Шарҳи мафҳуми арзёбӣ, истифодаи арзёбӣ барои пешниҳод намудани фикру мулоҳизаҳо, фарқияти арзёбӣ аз баҳодиҳӣ, сабаб ва натиҷаҳои истифода намудани арзёбии ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ, навъҳои арзёбӣ, меъёрҳои арзёбӣ. Принсипҳои арзёбӣ. Арзёбӣ унсури доимии раванди таълим. Моҳият, воситаҳо ва мавқеи арзёбӣ дар дарсҳои омодагии ибтидоии ҳарбӣ. Шаклҳои арзёбӣ. Арзёбии ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ. Арзёбии ташаккулдиҳанда ва ироакунии фикру мулоҳизаҳо. Арзёбии ташаккулдиҳанда ин арзёбӣ барои омӯзиш. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҷараёни беохири робитаи мутақобил. Робитаи мутақобила дар ҷараёни машғулият. Роҳҳои таҳия ва алоқаи он ба раванди таълим, манфиати истифодаи арзёбӣ дар ташаккули тафаккури хонандагон, маърифати арзёбӣ.

Омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Маънои калимаи арзёбиро ба хонандагон фаҳмонида тавонанд. Навъҳои арзёбиро дар ҷараёни таълим истифода бурда тавонанд. Дониши хонандагонро арзёбӣ карда тавонанд. Маърифати арзёбиро истифода намуда, хонандагонро баҳогузорӣ карда тавонанд.

**Адабиётҳои асосӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе с. 2017.

2. Эмомалӣ Раҳмон. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат аст. Душанбе. 2017.

3. Исмоилов Н. Ҳурматуллоев В. М. Омодагии дифои ҳарбӣ. Душанбе .2007.

4. Қурбоналӣ Зиёев Методикаи таълими омодагии дифои ҳарбӣ дар синфҳои 10-11. Душанбе. 2014.

5. Зиёев.Қ.О. Ҳуқуқҳо дар низоъҳои мусаллаҳона Душанбе-2011.

**Адабиётҳои иловагӣ**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи маориф». Душанбе. 2017.

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» Душанбе. 2005.

3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизматчиёни ҳарбӣ. Душанбе. 1998.

4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ».

5.Оинномаҳои умумиҳарбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

6. Начальная военная подготовка. Под. ред. Ю. А. Науменко. М. 1985.